**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод фарогири ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии «Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати аграрӣ буда, инкишофу вусъат додани соҳаи кишоварзӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Дар бисёр ҳолатҳо таъмини амнияти озуқаворӣи ҷумҳурӣ аз самаранокӣ ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, махсусан бахшҳои он: чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ вобастагӣ дорад. Иқтидори иқтисодии мамлакат аз ин соҳаҳо вобастагии зиёд дошта, аҳолиро бо маводи ғизоӣ ва корхонаҳоро бо ашёи хом таъмин мекунад, ки ин яке аз воситаҳои расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат – ҳифзи амнияти озуқаворӣ, мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ босуръат тағйир ёфта, нархи маҳсулоти ғизоӣ боло рафта истодааст. Бинобар ин беҳсозии ҳолати соҳаи чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ ва афзоиш додаи истеҳсоли маҳсулоти ҳайвонот аҳамияти аввалиндараҷа пайдо менамояд. Дар чунин вазъият арзон кардани арзиши маҳсулоти ҳайвонот бо воситаи зиёд кардани истеҳсоли он яке аз вазифаҳои асосии иқтисодии давлат мебошад. Иҷрои ин вазифаро бе мусоидати соҳаи байторӣ амали намудан номумкин аст.

Байторӣ соҳаи муҳим дар давлатҳои аграрӣ буда, дар рушд ва беҳсозии соҳаи чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ нақши муҳим мебозад. Дар чунин шароит вазифаи соҳаи байторӣ, махсусан яке аз бахшҳои амалии он – хизматрасонии байторӣ бояд ба зиёд намудани шумораи ҳайвонот ва афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти он равона карда шавад. Ин вазифаро хизматрасонии байторӣ бо роҳҳои гуногун аз қабили барҳамдиҳӣ, пешгирӣ, камкунӣ ва табобати бемории ҳайвонот амалӣ менамояд. Ҳамзамон, самаранокии хизматрасонии байторӣ дар беҳтар намудани сифати маҳсулот ва ашёи хоми ҳайвонот зоҳир мешавад. Тавассути

гузаронидани ташхиси байториюю санитарии маҳсулоти ҳайвонот ҷиҳати ба истеъмолкунандагон дастрас намудани маҳсулоти хушсифати ҳайвонот мусоидат менамояд. Бинобарин, масъалаи мазкур мавриди таваҷҷуҳи пайвастаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, тамоми чораҳо барои беҳтар намудани соҳаи байторӣ ва ба ин восита нигоҳ доштани солимии ҳайвонот андешида мешавад.

Аз 1 июли соли 2023 танзими ҳуқуқии шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ тибқи меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими ҳуқуқии ин шартномаро тибқи муқаррароти боби 43 «Хизматрасонии музднок» танзим намуд.

Бо вуҷуди ин, меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъйрӣ-ҳуқуқии дар ин самт қабулгардида наметавонанд тамоми маҷмӯи муносибатҳоеро, ки ҳангоми хизматрасонии байторӣ ба миён меоянд, танзим намоянд. Меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ танзимкунандаи шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ мафҳум, мавзуъ, вазъи ҳуқуқии тарафҳо ва шартҳои муҳими шартномаи мазкурро ба андозаи кофӣ танзим накардааст. Шакли бастан ва ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо ба таври нопурра муқаррар шудаанд. Аз ин рӯ, зарурияти инкишоф додани меъёрҳои ҳуқуқи мадании танзимкунандаи шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ зарурияти объективӣ мебошад.

Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

Диссертатсия таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ, хусусан падидаи хизматрасонии музднoки байторӣ ва шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ мавзуъ ва шартҳои дигари шартнома мусоидат мекунад. Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Аз ҷониби муаллиф ақидаҳои нав ва тавсияҳои татбиқшаванда дар шароити Тоҷикистон таҳия гардидааст, ки ҳастии воқеӣ доранд ва онҳо метавонанд ба инкишофи минбаъдаи назария ва амалияи танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ мусоидат намоянд.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –

юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ – тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона таҳияшуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад ва сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгӯзорӣ, бартараф намудани мушкилоти амалӣ дар ин самт ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо Шиносномаи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар, 24 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 – уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта,

Комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– **Аминова Фарида Махмадаминовна** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянин) Русияву Тоҷикистон;

– **Мирзоев Парвиз Исроилович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Сангинзод Д. Ш.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Имомова Н.М.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
аъзои комиссияи экспертӣ Қодиров Н.А.

Имзоҳоро тасдиқ менамоям
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«02» июня 2024